Нақдҳо ва баррасиҳо



Пойгоҳи иттилоърасонӣ дафтари ҳифз ва нашри осори Мансури Ҳошимии Хуросонӣ ҳафизаҳуллоҳ таъоло


بسم الله الرحمن الرحیم

Коди нақд: 44

Шинохти Ислом

Мафҳум ва масодиқи Ислом

Нависандаи нақд:
Навид Сатторӣ

Пойгоҳи иттилоърасонӣ дафтари ҳифз ва нашри осори Мансури Ҳошимии Хуросонӣ ҳафизаҳуллоҳ таъоло

Мафҳум ва масодиқи Ислом

بسم الله الرحمن الرحیم

Нависандаи нақд: Навид Сатторӣ **Тарихи нақд:** 01/12/2017

Мансури Ҳошимии Хуросонӣ дар китоби Бозгашт ба Ислом ва бисёрӣ аз номаҳо ва гуфторҳояш, мардумро аз азоби Худованд метарсонад ва иддаъо мекунад ки агар ҳукумати Худовандро напазиранд ва заминаи ҳукумати Маҳдиро фароҳам накунанд, ба оқибати Од ва Самуд ва қавми Нуҳ дучор хоҳанд шуд! Дар ҳоле ки медонем яке аз баракоти Набийи Мукаррами Ислом ин буда ки азоби Худованд аз уммати ӯ бардошта шудааст ва оқибати умматҳои гузашта барои ин уммат пеш нахоҳад омад; Ҳамон тавр ки барҳӣ аз уламо пас аз зилзилаҳои пай дар пайи ахир дар нуқоти мухталифи Эрон ин нуктаро ёдоварӣ карданд ва гуфтанд ки ҳеч як аз ин зилзилаҳо азоби Илоҳӣ нест; Чароки азоби Илоҳӣ дар дунё барои ин уммат пеш намеояд. Аҷиб аст ки Мансури Ҳошимии Хуросонӣ аз ин нукта бехабар аст!

Посух ба нақди шумораи: 2 **Тарихи посух ба нақд:** 06/12/2017

Чизе ки аҷиб аст бехабарии шумо аз мабноӣ Ислом ва тақлидатон аз олимони хоъин ва дурӯғгӯ бо ин натиҷа ва ҷузъиёт аст; Вагарна Мансури Ҳошимии Хуросонӣ аз ин хурофа бехабар нест ва беъэтиноияш ба он ношӣ аз нодурустии он аст. Бегумон эътиқод ба инки азоби Худованд аз ин уммат –ҳар чанд ба ситам рӯй оварад– бардошта шудааст ва оқибати умматҳои гузашта –ҳар чанд монанди онҳо амал кунад– барои он пеш нахоҳад омад, таваҳҳумӣ беасос ва хатарнок аст; Чароки ҳеч ривояти мӯътабар ва сариҳе бо ин мазмун нарасида ва ривояти расида аз ибни Аббос бо ин мазмун ки ба баракати ﴿رَحْمَةً لِلْعَالَمِينَ﴾ (Анбиёъ/ 107) касоне ки аз он Ҳазрат пайравӣ накунанд, аз азобҳои умматҳои гузашта маъоф шудаанд (Табарони, Ал-Мӯъҷамул кабир, ҷ12, с19), ривояти воҳид ва заъиф аст (бнгаред ба: Ҳайсамӣ, Маҷмаъул завоъид, ҷ7, с69) ки бо китоби Худованд зиддият дорад; Чароки китоби Худованд бо умум ва итлоқ фармудааст: ﴿يُعَذِّبُ مَنْ يَشَاءُ وَيَرْحَمُ مَنْ يَشَاءُ﴾ (Анкабут/ 21); <<Ҳар касро

бихоҳад азоб мекунад ва ҳар касро бихоҳад мебахшояд>> Ва фармудааст: ﴿إِنْ يَشَأْ يُذْهِبْكُمْ أَيُّهَا النَّاسُ وَيَأْتِ بِآخَرِينَ ۚ وَكَانَ اللَّهُ عَلَىٰ ذَٰلِكَ قَدِيرًا﴾ (Нисоъ/ 133); <<Агар бихоҳад шуморо мебарад эй мардум ва касони дигареро меоварад ва Худованд бар ин кор тавоност>> Ва фармудааст: ﴿أَفَأَمِنَ أَهْلُ الْقُرَىٰ أَنْ يَأْتِيَهُمْ بَأْسُنَا بَيَاتًا وَهُمْ نَائِمُونَ ۝ أَوَأَمِنَ أَهْلُ الْقُرَىٰ أَنْ يَأْتِيَهُمْ بَأْسُنَا ضُحًى وَهُمْ يَلْعَبُونَ ۝ أَفَأَمِنُوا مَكْرَ اللَّهِ ۚ فَلَا يَأْمَنُ مَكْرَ اللَّهِ إِلَّا الْقَوْمُ الْخَاسِرُونَ ۝ أَوَلَمْ يَهْدِ لِلَّذِينَ يَرِثُونَ الْأَرْضَ مِنْ بَعْدِ أَهْلِهَا أَنْ لَوْ نَشَاءُ أَصَبْنَاهُمْ بِذُنُوبِهِمْ ۚ وَنَطْبَعُ عَلَىٰ قُلُوبِهِمْ فَهُمْ لَا يَسْمَعُونَ﴾ (Аъроф/ 97-100); <<Оё пас аҳли шаҳрҳо эмин шуданд аз инки азоби мо шабоҳангом ба суроғашон биёяд дар ҳоле ки хоб ҳастанд?! Оё аҳли шаҳрҳо эмин шуданд аз инки азоби мо субҳгоҳон ба суроғашон биёяд дар ҳоле ки бозӣ мекунанд?! Оё пас аз макри Худованд эмин шуданд?! Пас аз макри Худованд эмин намешаванд магар гурӯҳи зиёнкорон! Оё барои касоне ки заминро пас аз аҳлаш ба ирс мебаранд ошкор нашудааст ки агар бихоҳем ононро ба сабаби гуноҳонашон ҳалок месозем?! Ва бар дилҳошон мӯҳ мениҳем, пас онон намешунаванд>> Ва фармудааст: ﴿أَفَأَمِنُوا أَنْ تَأْتِيَهُمْ غَاشِيَةٌ مِنْ عَذَابِ اللَّهِ أَوْ تَأْتِيَهُمُ السَّاعَةُ بَغْتَةً وَهُمْ لَا يَشْعُرُونَ﴾ (Юсуф/ 107); <<Оё пас эмин шуданд аз инки фарогирандае аз азоби Худованд ононро биёяд ё қиёмат ононро дар ҳоле ки таваққуҳ надоранд?!>> Ва фармудааст: ﴿أَفَأَمِنْتُمْ أَنْ يَخْسِفَ بِكُمْ جَانِبَ الْبَرِّ أَوْ يُرْسِلَ عَلَيْكُمْ حَاصِبًا ثُمَّ لَا تَجِدُوا لَكُمْ وَكِيلًا﴾ (Исроъ/ 68); <<Оё пас эмин шудед аз инки шуморо дар хок фуру бурд ё бар шумо тӯфоне аз шин бифиристад ва он гоҳ пуштибоне барои худ наёбед?!>> Ва фармудааст: ﴿قُلْ هُوَ الْقَادِرُ عَلَىٰ أَنْ يَبْعَثَ عَلَيْكُمْ عَذَابًا مِنْ فَوْقِكُمْ أَوْ مِنْ تَحْتِ أَرْجُلِكُمْ أَوْ يَلْبِسَكُمْ شِيَعًا وَيُذِيقَ بَعْضَكُمْ بَأْسَ بَعْضٍ﴾ (Анъом/ 65); <<Бигӯ Ӯ қодир аст бар инки бар шумо азобе аз болоятон ё аз зери поятон барангезад ё шуморо даста даста кунад ва бархитонро ҷанги бархӣ дигар бичашонад>> Ва фармудааст: ﴿قُلْ أَرَأَيْتُمْ إِنْ أَتَاكُمْ عَذَابُهُ بَيَاتًا أَوْ نَهَارًا مَاذَا يَسْتَعْجِلُ مِنْهُ الْمُجْرِمُونَ ۝ أَثُمَّ إِذَا مَا وَقَعَ آمَنْتُمْ بِهِ ۚ آلْآنَ وَقَدْ كُنْتُمْ بِهِ تَسْتَعْجِلُونَ﴾ (Юнус/ 50 ва 51); <<Бигӯ назаратон чист агар азоби Ӯ дар шаб ё рӯз ба суроғатон биёяд?! Гуноҳкорон чи чизеро ба аҷала мехоҳанд?! Оё ҳаногме ки воқеъ шуд ба он имон меоваред?! Он ҳангом?! Дар ҳоле ки онро ба аҷала мехостед>>, балки бо сароҳат фармудааст: ﴿وَإِنْ مِنْ قَرْيَةٍ إِلَّا نَحْنُ مُهْلِكُوهَا قَبْلَ يَوْمِ الْقِيَامَةِ أَوْ مُعَذِّبُوهَا عَذَابًا شَدِيدًا ۚ كَانَ ذَٰلِكَ فِي الْكِتَابِ مَسْطُورًا﴾ (Исроъ/ 58); <<Ва ҳеч шаҳре нест магар инки мо пеш аз рӯзи қиёмат ҳалок кунандаи он ё азоб кунандаи он бо азобӣ шадид ҳастем, ин дар китоб навишта шудааст>>; Ҳамчунонки азоби худ дар дунёро танҳо барои кофирон надониста, бал дар камини мунофиқон

Мафҳум ва масодиқи Ислом

ки худро мусалмон мешуморанд низ дониста ва фармудааст: ﴿وَمِمَّنْ حَوْلَكُمْ مِنَ الْأَعْرَابِ مُنَافِقُونَ ۖ وَمِنْ أَهْلِ الْمَدِينَةِ ۖ مَرَدُوا عَلَى النِّفَاقِ لَا تَعْلَمُهُمْ ۖ نَحْنُ نَعْلَمُهُمْ ۚ سَنُعَذِّبُهُمْ مَرَّتَيْنِ ثُمَّ يُرَدُّونَ إِلَىٰ عَذَابٍ عَظِيمٍ﴾ (Тавба/ 101); <<Ва аз бодиянишиноне ки пиромуни шумо ҳастанд мунофиқоне ҳастанд ва аз аҳли шаҳр мунофиқоне ҳастанд ки ту ононро намешиносӣ, мо ононро мешиносем, ононро ду чандон азоб хоҳем кард, сипас ба сӯӣ азоби азим боз хоҳанд гашт>> Ва фармудааст: ﴿وَإِنْ يَتَوَلَّوْا يُعَذِّبْهُمُ اللَّهُ عَذَابًا أَلِيمًا فِي الدُّنْيَا وَالْآخِرَةِ ۚ وَمَا لَهُمْ فِي الْأَرْضِ مِنْ وَلِيٍّ وَلَا نَصِيرٍ﴾ (Тавба/ 74); <<Ва агар рӯйгардон шаванд Худованд ононро ба азобӣ дарднок дар дунё ва охират азоб мекунад ва барои онон дар замин ҳеч сарпараст ва ёваре нест>>, балки онро дар камини ҳамаи ситамкорон дониста ва фармудааст: ﴿وَإِنَّ لِلَّذِينَ ظَلَمُوا عَذَابًا دُونَ ذَٰلِكَ وَلَٰكِنَّ أَكْثَرَهُمْ لَا يَعْلَمُونَ﴾ (Тур/ 47); <<Ва ҳароина барои касоне ки ситам карданд азобе пеш аз он хоҳад буд, вале бештари онон намедонанд>> Ва фармудааст: ﴿قُلْ أَرَأَيْتَكُمْ إِنْ أَتَاكُمْ عَذَابُ اللَّهِ بَغْتَةً أَوْ جَهْرَةً هَلْ يُهْلَكُ إِلَّا الْقَوْمُ الظَّالِمُونَ﴾ (Анъом/ 47); <<Бигӯ назаратон чист агар азоби Худованд ногаҳон ё ошкоро ба суроғатон биёяд оё ҷуз гурҳи ситамкорон ҳалок хоҳанд шуд?!>> Ва фармудааст: ﴿فَلَمَّا نَسُوا مَا ذُكِّرُوا بِهِ أَنْجَيْنَا الَّذِينَ يَنْهَوْنَ عَنِ السُّوءِ وَأَخَذْنَا الَّذِينَ ظَلَمُوا بِعَذَابٍ بَئِيسٍ بِمَا كَانُوا يَفْسُقُونَ﴾ (Аъроф/ 165); <<Пас чун чизе ки тазаккур дода шудандро аз ёд бурданд, касоне ки аз бадӣ наҳй мекардандро наҷот додем ва касоне ки ситам мекунандро ба азобӣ бад гирифтем ба сабаби инки фисқ меварзиданд>> Ва фармудааст: ﴿وَتِلْكَ الْقُرَىٰ أَهْلَكْنَاهُمْ لَمَّا ظَلَمُوا وَجَعَلْنَا لِمَهْلِكِهِمْ مَوْعِدًا﴾ (Каҳф/ 59); <<Ва он шаҳрҳоро ҳалок кардем ҳангоме ки ситам карданд ва барои ҳалокаташон мавъиде қарор додем>> Ва фармудааст: ﴿وَمَا كُنَّا مُهْلِكِي الْقُرَىٰ إِلَّا وَأَهْلُهَا ظَالِمُونَ﴾ (Қасас/ 59); <<Ва мо ҳалок кунандаи шаҳрҳо набудем магар инки аҳлашон ситамкор буданд>> Ва фармудааст: ﴿وَمَا هِيَ مِنَ الظَّالِمِينَ بِبَعِيدٍ﴾ (Ҳуд/ 83); <<Ва он аз ситамкорон дур нест>>; Ҳамчунонки онро дар камини ҳамаи гумроҳон дониста ва фармудааст: ﴿قُلْ مَنْ كَانَ فِي الضَّلَالَةِ فَلْيَمْدُدْ لَهُ الرَّحْمَٰنُ مَدًّا ۚ حَتَّىٰ إِذَا رَأَوْا مَا يُوعَدُونَ إِمَّا الْعَذَابَ وَإِمَّا السَّاعَةَ فَسَيَعْلَمُونَ مَنْ هُوَ شَرٌّ مَكَانًا وَأَضْعَفُ جُنْدًا﴾ (Марям/ 75); <<Бигӯ ҳар кас ки дар гумроҳӣ бошад, Бахшойишгар ба ӯ мӯҳлат медиҳад то он гоҳ ки онҷи ваъда дода мешавандро бибинанд, ё азоб ва ё қиёмат, пас он гоҳ хоҳанд донист ки чи касе ҷойи бадтар ва сипоҳи заъифтаре дорад>>; Ҳамчунонки онро дар камини ҳамаи бадандешон дониста ва фармудааст: ﴿أَفَأَمِنَ الَّذِينَ مَكَرُوا السَّيِّئَاتِ أَنْ يَخْسِفَ اللَّهُ بِهِمُ الْأَرْضَ أَوْ يَأْتِيَهُمُ الْعَذَابُ مِنْ حَيْثُ لَا يَشْعُرُونَ ۝ أَوْ يَأْخُذَهُمْ فِي تَقَلُّبِهِمْ فَمَا هُمْ بِمُعْجِزِينَ ۝ أَوْ يَأْخُذَهُمْ عَلَىٰ تَخَوُّفٍ فَإِنَّ رَبَّكُمْ

Мафҳум ва масодиқи Ислом

﴿لَرَءُوفٌ رَحِيمٌ﴾ (Наҳл/ 45-47); <<Оё пас касоне ки бадиҳоро тавтиъа мекунанд эмин ҳастанд аз инки Худованд ононро дар замин фуру бурд ё азоб аз ҷойе ки намедонанд ба суроғашон биёяд?! Ё ононро дар ҳоли ҷобаҷойишон бигирад?! Пас онон оҷиз кунанда нестанд, ё ононро дар ҳоли тарс бигирад?! Пас ҳароина Парвардигоратон Раъуф ва Меҳрубон аст>>; Ҳамчунонки онро дар камини ҳамаи гуноҳкорон ва нофармонон –ҳар чанд аз ин уммат бошанд– дониста ва фармудааст: ﴿قُلْ يَا عِبَادِيَ الَّذِينَ أَسْرَفُوا عَلَىٰ أَنفُسِهِمْ لَا تَقْنَطُوا مِن رَّحْمَةِ اللَّهِ ۚ إِنَّ اللَّهَ يَغْفِرُ الذُّنُوبَ جَمِيعًا ۚ إِنَّهُ هُوَ الْغَفُورُ الرَّحِيمُ ۝ وَأَنِيبُوا إِلَىٰ رَبِّكُمْ وَأَسْلِمُوا لَهُ مِن قَبْلِ أَن يَأْتِيَكُمُ الْعَذَابُ ثُمَّ لَا تُنصَرُونَ ۝ وَاتَّبِعُوا أَحْسَنَ مَا أُنزِلَ إِلَيْكُم مِّن رَّبِّكُم مِّن قَبْلِ أَن يَأْتِيَكُمُ الْعَذَابُ بَغْتَةً وَأَنتُمْ لَا تَشْعُرُونَ﴾ (Зумар/ 53-55); <<Бигӯ эй бандагонам ки бар худ исроф варзидаед! Аз раҳмати Худованд ноумед нашавед; Чароки Худованд ҳамаи гуноҳонро меомӯрзад, ҳароина Ӯ омӯрзандаи меҳрубон аст ва ба сӯйи Парвардигоратон бозгардед ва барои Ӯ таслим шавед пеш аз онки азоб шуморо биёяд, он гоҳ ёрӣ намешавед ва аз беҳтарин чизе ки аз ҷониби Парвардигоратон бароятон нозил шуд пайравӣ кунед пеш аз онки азоб ногаҳон шуморо биёяд дар ҳоле ки тавақҷуҳ надоред>>, балки ба масобаи як қоъида фармудааст: ﴿وَإِذَا أَرَدْنَا أَنْ نُهْلِكَ قَرْيَةً أَمَرْنَا مُتْرَفِيهَا فَفَسَقُوا فِيهَا فَحَقَّ عَلَيْهَا الْقَوْلُ فَدَمَّرْنَاهَا تَدْمِيرًا﴾ (Исроъ/ 16); <<Ва ҳаргоҳ бихоҳем сарзаминеро ҳалок кунем зӯрмандонашро ба қудрат мерасонем пас дар он фисқ меварзанд, пас сухан бар он рост меояд, пас онро вайрон мегардонем>>, бал онро сариҳан дар камини касоне аз ин уммат донистааст ки аз халифаи Ӯ дар замин итоъат намекунанд ва барои ёрияш берун намеоянд ва фармудааст: ﴿فَلْيَحْذَرِ الَّذِينَ يُخَالِفُونَ عَنْ أَمْرِهِ أَنْ تُصِيبَهُمْ فِتْنَةٌ أَوْ يُصِيبَهُمْ عَذَابٌ أَلِيمٌ﴾ (Нур/ 63); <<Пас бояд касоне ки аз амри Ӯ сарпечӣ мекунанд битарсанд аз инки ононро фитнае бирасад ё ононро азобӣ дарднок бирасад>> Ва фармудааст: ﴿إِلَّا تَنفِرُوا يُعَذِّبْكُمْ عَذَابًا أَلِيمًا وَيَسْتَبْدِلْ قَوْمًا غَيْرَكُمْ وَلَا تَضُرُّوهُ شَيْئًا ۗ وَاللَّهُ عَلَىٰ كُلِّ شَيْءٍ قَدِيرٌ﴾ (Тавба/ 39); <<Агар (барои ёрии ӯ) берун наравед шуморо азобӣ дарднок мекунад ва гурӯҳӣ ғайри шуморо ба ҷоятон меоварад ва ба ӯ зиёне намерасонед ва Худованд бар ҳар коре тавоност>> Ва фармудааст: ﴿وَكَأَيِّنْ مِنْ قَرْيَةٍ عَتَتْ عَنْ أَمْرِ رَبِّهَا وَرُسُلِهِ فَحَاسَبْنَاهَا حِسَابًا شَدِيدًا وَعَذَّبْنَاهَا عَذَابًا نُكْرًا﴾ (Талок/ 8); <<Ва чи бисёр шаҳре ки аз фармони Парвардигораш ва Паёмбаронаш сар печид, пас онро муҳосибаи сахт кардем ва азобӣ ношинохта расондем>>. Бо ин васф, беҳуда нест ки дар ситойиши мӯъминон фармудааст: ﴿وَالَّذِينَ هُمْ مِنْ

﴿عَذَابِ رَبِّهِمْ مُشْفِقُونَ ۝ إِنَّ عَذَابَ رَبِّهِمْ غَيْرُ مَأْمُونٍ﴾ (Маъорич/ 27 ва 28;) <<Ва касоне ки аз азоби Парвардигорашон ҳаросонанд; Чароки ҳеч кас аз азоби Парвардигорашон дар амон нест>>!

Рӯшан аст ки бархӣ аз ин оёт дар шаъни ин уммат нозил шудаанд ва бархӣ дигар, бо умум ва итлоқи худ ин умматро низ дар бар мегиранд ва илова бар ин, аз суннати Худованд дар умматҳои гузашта хабар медиҳанд ки табъан дар ин уммат низ қорӣ аст; Чунонки фармудааст: ﴿سُنَّةَ اللَّهِ فِي الَّذِينَ خَلَوْا مِنْ قَبْلُ ۖ وَلَنْ تَجِدَ لِسُنَّةِ اللَّهِ تَبْدِيلًا﴾ (Аҳзоб/ 62); <<Суннати Худованд дар касоне ки аз пеш гузаштанд (чунин буд) ва ҳаргиз барои суннати Худованд тағйире нахоҳӣ ёфт>> Ва фармудааст: ﴿فَهَلْ يَنْتَظِرُونَ إِلَّا مِثْلَ أَيَّامِ الَّذِينَ خَلَوْا مِنْ قَبْلِهِمْ ۚ﴾ (Юнус/ 102); <<Пас оё ҷуз монанди рӯзҳои касоне ки аз пеш гузаштандро интизор мебаранд?!>>. Аз ин рӯ, ба ибрат гирифтан аз умматҳои гузашта амр карда ва фармудааст: ﴿قُلْ سِيرُوا فِي الْأَرْضِ فَانْظُرُوا كَيْفَ كَانَ عَاقِبَةُ الَّذِينَ مِنْ قَبْلُ ۚ﴾ (Рум/ 42); <<Бигӯ дар замин бигардед, пас бибинед ки оқибати касоне ки дар гузашта буданд чигуна буд>> Ва фармудааст: ﴿لَقَدْ كَانَ فِي قَصَصِهِمْ عِبْرَةٌ لِأُولِي الْأَلْبَابِ ۗ﴾ (Юсуф/ 111); <<Ҳароина дар достонҳои онон ибрате барои хирадмандон аст>> Ва фармудааст: ﴿إِنَّ فِي ذَٰلِكَ لَعِبْرَةً لِمَنْ يَخْشَىٰ﴾ (Нозиъот/ 26); <<Ҳароина дар он ибрате барои касе аст ки метарсад>> Ва фармудааст: ﴿فَاعْتَبِرُوا يَا أُولِي الْأَبْصَارِ﴾ (Ҳашр/ 2); <<Пас ибрат бигиред эй соҳибони биниш>>; Чунонки дар ҳадиси мутавотир ва машҳури Набавӣ омадааст: «لَتَرْكَبُنَّ سُنَنَ مَنْ كَانَ قَبْلَكُمْ حَذْوَ الْقُذَّةِ بِالْقُذَّةِ حَتَّىٰ لَوْ دَخَلُوا جُحْرَ ضَبٍّ لَدَخَلْتُمُوهُ» (Мусаннафи Абдурраззоқ, ҷ11, с369; Мусаннафи ибни Абӣ Шейба, ҷ8, с634; Муснади Аҳмад, ҷ2, с327 ва ҷ3, с84 ва ҷ5, с218; Саҳеҳул Бухорӣ, ҷ8, с151; Саҳеҳул Муслим, ҷ8, с57; Сунани Ибни Моҷа, ҷ2, с1322; Сунани Тирмизӣ, ҷ3, с322; Ибни Бобувей, Камолиддин, с576); <<Ҳароина гом ба гом дар пайи суннатҳои касоне ки пеш аз шумо буданд меравед, то ҷойе ки агар онон ба сӯрохи сусморе дохил шуда бошанд, шумо ҳам ба он дохил мешавед>> Ва дар бархӣ ривоёт таъкид шудааст: «فَلَا يَكُونُ فِيهِمْ شَيْءٌ إِلَّا كَانَ فِيكُمْ مِثْلُهُ» (Мусаннафи ибни Абӣ Шейба, ҷ8, с635); <<Пас чизе дар онон набуд магар инки монанди он дар шумо низ хоҳад буд>>; Ҳамчунонки эътиқод ба доштани дӯстӣ ва нисбате бо Худованд ва маъоф будан аз азоби Ӯ аз эътиқодоти онон буда; Чунонки фармудааст: ﴿وَقَالَتِ الْيَهُودُ وَالنَّصَارَىٰ نَحْنُ أَبْنَاءُ اللَّهِ وَأَحِبَّاؤُهُ ۚ قُلْ فَلِمَ يُعَذِّبُكُمْ بِذُنُوبِكُمْ ۖ بَلْ أَنْتُمْ بَشَرٌ مِمَّنْ خَلَقَ ۚ يَغْفِرُ لِمَنْ يَشَاءُ وَيُعَذِّبُ مَنْ يَشَاءُ ۚ﴾ (Моъида/ 18); <<Ва яҳудиён ва

масеҳиён гуфтанд ки мо фарзандони Худованд ва дӯстони Ӯ ҳастем, бигӯ пас чаро шуморо ба хотири гуноҳотон азоб мекунад?! Балки шумо башаре аз офаридагони Ӯ ҳастед, ҳар касро бихоҳад меомӯрзад ва ҳар касро бихоҳад азоб мекунад>> Ва фармудааст: ﴿وَقَالُوا لَنْ تَمَسَّنَا النَّارُ إِلَّا أَيَّامًا مَعْدُودَةً ۚ قُلْ أَتَّخَذْتُمْ عِنْدَ اللَّهِ عَهْدًا فَلَنْ يُخْلِفَ اللَّهُ عَهْدَهُ ۖ أَمْ تَقُولُونَ عَلَى اللَّهِ مَا لَا تَعْلَمُونَ﴾ (Бақара/ 80); <<Ва гуфтанд ки оташ ҷуз рӯзҳойи маҳдуди моро ламс намекунад, бигӯ оё аз назди Худованд аҳде гирифтаед ки Худованд аҳдашро хилоф накунад ё бар Ӯ чизе мебандед ки ба он илм надоред?!>>. Вонгаҳе нузули азоб бар ин уммат монанди нузули азоб бар умматҳои гузашта, метавонад зарурати ақлӣ пайдо кунад ва он ҳангоме аст ки бар истимрор нифоқ, зулм ва фисқ исрор дошта ва бо вуҷуди тазаккур, инзор ва мӯҳлати кофӣ, иродаи тавба ва ислоҳ надошта бошанд; Зеро адами ҳалокати онон дар ин сурат, ба тасалсулӣ ботил ва бениҳоят меанҷомад ки ҷойиз нест (бингаред ба: Нақд ва баррасии 29).

Оре, Худованд ҳузури халифааш дар миёни мардум ва истиғфори ононро монеъ аз нузули азоб бар онон дониста ва фармудааст: ﴿وَمَا كَانَ اللَّهُ لِيُعَذِّبَهُمْ وَأَنْتَ فِيهِمْ ۚ وَمَا كَانَ اللَّهُ مُعَذِّبَهُمْ وَهُمْ يَسْتَغْفِرُونَ﴾ (Анфол/ 33); <<Ва Худованд ононро азоб намекунад дар ҳоле ки ту миёнашон ҳастӣ ва Худованд ононро азоб намекунад дар ҳоле ки истиғфор мекунанд>>, вале мурод аз ҳузури халифааш дар миёни онон, сирф вуҷуди ӯ дар замин нест; Чароки замин ҳеч гоҳ аз халифаи Худованд холӣ набуда (бингаред ба: Гуфтори 6), дар ҳоле ки азоби Ӯ борҳо ва бар ақвоми мухталиф нозил шуда ва бо ин васф, мурод аз ҳузури халифааш дар миёни онон, ҳузури ӯ дар шаҳре аст ки мустаҳаққи азоб аст; Монанди ҳузури Лут алайҳи салом дар шаҳри Садум ки монеъ аз нузули азоб бар он буд ва аз ин рӯ, Худованд ӯ ва хонаводаашро аз он берун овард ва сипас азобро бар он нозил кард; Чунонки фармудааст: ﴿قَالَ إِنَّ فِيهَا لُوطًا ۚ قَالُوا نَحْنُ أَعْلَمُ بِمَنْ فِيهَا ۖ لَنُنَجِّيَنَّهُ وَأَهْلَهُ إِلَّا امْرَأَتَهُ كَانَتْ مِنَ الْغَابِرِينَ﴾ (Анкабут/ 32); <<(Иброҳим) гуфт: Дар онҷо Лут аст! (Фариштагон) гуфтанд: Мо ба касе ки дар онҷост донотарем, ҳароина ӯ ва хонаводаашро наҷот медиҳем магар ҳамсараш ки аз ҷомондагон аст>> Ва мурод аз истиғфори мардум низ изҳори надомати онон аз кори аст ки муҷиби нузули азоб аст ва ин бидуни тарк ва ислоҳи он маъно надорад; Монанди рӯйгардонишон аз халифаи Худованд ва рӯй оварданашон ба

ҳокимони дигар ки муҷиби нузули азоб аст ва изҳори надомат аз он, бидуни рӯй овардан ба халифаи Худованд ва рӯйгардонӣ аз ҳокимони дигар бемаъност; Бо таваҷҷуҳ ба инки мусалламан истиғфор аз гуноҳ дар ъайни исрор бар он, содиқона ва қобили қабул нест (бингаред ба: Пурсиш ва посухи 298).

Аз инҷо дониста мешавад ки мардум то вақте халифаи Худовандро дар миёни худ ҳозир насохтаанд ё аз водоштани ӯ ба ғайбат истиғфор ва тавба накардаанд, аз азоби Худованд дар амон нестанд ва бо ин васф, набояд худро аз он эмин пиндоранд ва аз олимони шайтонсифате пайравӣ кунанд ки ононро аз он эмин мешуморанд то дар нифоқ ва зулм ва фисқ нигоҳ доранд, бал бояд аз олимонӣ сиддиқе монанди Мансури Ҳошимии Хуросонӣ пайравӣ кунанд ки ононро аз азоби Худованд бим медиҳанд, бидуни инки ононро аз раҳмати Ӯ ноумед гардонанд ва ба унвони намуна, мефармоянд:

> <<Ҳон эй мардум! Огоҳ бошед ки азоби Худованд ба шумо наздик шудааст; Ман овояшро мешунавам ва бӯяшро истишмом мекунам ва сояшро мебинам, вале бештари шумо ғофилед! Агар сари наҷот доред, манро бо шумо насиҳате аст; Аз Парвардигоратон омӯрзиш бихоҳед ва ба сӯӣ Ӯ тавба кунед ва аз касе фармон баред ки Ӯ татҳираш карда ва ҳидояташ намудааст, ҳамон ки васфашро дар суҳуфи паёмбарон меёбед ва номашро дар кутуби гузаштагон мехонед, на аз касе ки ақлӣ андак ва иддаъоӣ бисёр дорад ва аз ҳавои нафс пайравӣ мекунад ва бисёр мустабид ва ситезаҷӯст. Он гоҳ хоҳед дид ки замин аз адолат пур мешавад, чунон ки аз зулм пур шуда ва адолат аз асал ширинтар ва аз кара нармтар ва аз барф покизатар аст. Пас агар ибо кардед бидонед ки ҳукумататон шуморо аз Худованд наҷот нахоҳад дод ва артишҳо ва силоҳҳоятон шуморо аз Ӯ ҳифз нахоҳад кард, ҳамон гуна ки ҳукумати гузаштагон ононро аз Ӯ наҷот надод ва артишҳо ва силоҳҳояшон ононро аз Ӯ ҳифз накард, ҳангоме ки хашмаш бар онон афрухта шуд ва азобаш бар онон фуруд омад! >> (Номаи 19)

Мафҳум ва масодиқи Ислом

Ва мефармоянд:

<<Пас даъватамро иҷобат кунед ва ба сӯӣ Маҳдӣ бозгардед, то гуноҳонатон омӯрзида шавад ва корҳотон сомон ёбад, пеш аз онки рӯзе бар шумо бирасад ки бар Од ва Самуд ва қавми Нӯҳ расид.>> (Номаи 11)

Дафтари ҳифз ва нашри осори Мансури Ҳошимии Хуросонӣ
Бахши баррасии накдҳо

